**Суратмаҷлиси №43**

**Маҷлиси шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-048-и назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

аз «27» декабри соли 2025 ш.Бохтар

**Иштирок доштанд:** аз 17 нафар аъзои шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доранд, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсия 5 нафар.

Ҷаласаи шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-048 27- уми декабри соли 2025, дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67) баргузор гардид.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сатторов А.Э.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои педагогӣ, Ҳасанов Ш.Р.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ аз 17 нафар аъзои шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-048, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.09.2025 таҳти №325/ҳя тасдиқ гардидааст, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравад.

Кворум ҳаст, ҳамин тавр мувофиқи Низомнома дар бораи ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаро оғоз кунад. Оиди оғози кори Шуро чигуна пешниҳод аст? Пешниҳод шуд, ки кори ҷаласаи

Шуро кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Кӣ тарафдори чунин пешниҳод аст? Тарафдорон- 15 нафар. Зид- нест. Бетараф- нест. Якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ҳимояи якдафъаинаи ошкорои рисолаи номзадии Музафаров Ниёзбек Азизович дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-методии ҷорӣ намудани воситаҳои техникӣ бо истифода аз технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.03- Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти умумӣ)).

Диссертатсия дар кафедраи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии довталаби дарёфти дараваи илмӣ: Мавлоназаров Силмон Силтонназарович** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Мирзоев Абдулазиз Раҷабович -** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон.

2. **Тағоев Шамсулло Хурсандович** - номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи информатика Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ».

**БАРОМАД НАМУДАНД:**

1. **Раиси шуро:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сатторов А.Э. кори шурои диссертатсиониро оғоз намуд.
2. **Котиби илмии шуро:** номзади илмҳои педагогӣ Ҳасанов Ш.Р. маълумотҳои мухтасарро дар бораи унвонҷӯ қироат намуд.
3. **Унвонҷӯ:** Музафаров Ниёзбек Азизович мазмуни мухтасари диссертатсияро баён кард.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзоёни шуро Комилӣ А.Ш., Назаров А.П., Файзализода Б.Ф., Шерматов Д.С., ки вобаста ба мавзуи диссертатсия буданд, ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ **Мавлоназаров Силмон Силтонназарович** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шунида шуд.

**Тақризи муассисаи пешбар** МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ба диссертатсияи Музафаров Н.А. бо имзои раиси ҷаласа мудири кафедраи методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ н.и.п., и.в. дотсент Муродализода Р.М., эксперт, н.и.п. и.в. дотсенти кафедраи методикаи таълими информатика Меҳриддинзода Т.М. ва котиби ҷаласа н.и.п. Қаландарова М.С. омода гардида, бо имзои ректори донишгоҳ н.и.п., дотсент Сафарзода М.В. аз 23- юми ноябри соли 2025 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, навгонии илмии диссертатсия, аҳамияти назариявӣ ва амалии он, дараҷаи этимоднокии мавзуъ, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Музафаров Ниёзбек Азизович дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-методии ҷорӣ намудани

воситаҳои техникӣ бо истифода аз технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02- Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.03 – Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти умумӣ))), сазовор мебошад.

**Баромад ва тақризи муқарризони расмӣ:**

1. **Мирзоев Абдулазиз Раҷабович -** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон.

2. **Тағоев Шамсулло Хурсандович** - номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи информатика Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Баромад ва тақриз ба автореферат:**

Ҳамчунин ба шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-048 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Музафаров Ниёзбек Азизович ворид шудаанд:

1. Мирзозода Р.Р. – д.и.п., дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими математикаи Доншгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тақриз мусбат аст.

2. Наҷмиддиниён А.М. – д.и.ф-м., вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

3. Саидзода И.М. – н.и.тех., дотсент, декани факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

4. Султонҳайдаров Н.Х. – н.и.п., дотсенти кафедраи информатикаи Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

Ҳамаи тақризҳои воридшуда мусбат буда, баъзе пешниҳодҳо, ки дар ин тақризҳо қайд шудаанд хусусияти тавсиявӣ доранд.

Ҳамаи муқарризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати Музафаров Н.А. пешниҳод кардаанд, қайд намудаанд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзиши амалӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо ба хулосае омадаанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ Музафаров Н.А. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.03 – Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти умумӣ)) сазовар мебошад.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии унвонҷӯ шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои гузарондани овоздиҳии пинҳонӣ дар ҳайати 3 нафар аъзоёни шурои диссертатсионӣ: профессор Маҷидов Ҳ., дотсент Файзализода Б.Ф. ва дотсент Гулова М.Т. интихоб гардид. Комиссия овоздиҳии пинҳониро баргузор намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ 15 нафар аъзои шуро иштирок намуданд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктороні илм-мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдорон - 15 нафар, зид - нест, бюлетенҳои беэътибор - нест.

Ҷаласаи шурои **якдафъаинаи** диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.03 – Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти умумӣ)) **тақризи**

**мусбати** муқарризон, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шурои диссертатсиониро ба инобат гирифта, бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии назариявӣ ва амалии таҳқиқот, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия мувофиқи бандҳои 93-94- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295)

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Бромад ва муҳокимаи диссертатсияи Музафаров Ниёзбек Азизович дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-методии ҷорӣ намудани воситаҳои техникӣ бо истифода аз технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.03- Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти умумӣ)) пешниҳод шудааст, баромади муқарризони расмӣ: **Мирзоев Абдулазиз Раҷабович -** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон ва **Тағоев Шамсулло Хурсандович** - номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи информатика Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, баромади муқарризони ғайрирасмӣ, аъзоёни шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи муҳокимашаванда, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** Шуро оид ба диссертатсия ба инобат гирифта шаванд.

2. Автореферат ва маводи илмии нашрнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

3. Ба Музафаров Ниёзбек Азизович дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму

тарбия (13.00.02.03- Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти умумӣ)) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки қарори шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Музафаров Ниёзбек Азизович аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.03- Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти умумӣ))- ро дастгирӣ намуда, барои ба Музафаров Ниёзбек Азизович додани дипломи дараҷаи илмии номзади илм мусоидат намояд.

Ки тарафдори чунин қарори шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ мебошад? Хоҳишмандем овоз диҳед. Тарафдорон: 15 нафар. Зид: нест. Бетараф: нест. Якдилона қабул шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Сатторов А.Э.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Ҳасанов Ш.Р.**
“_27_”___12___ 2025

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав Нажмидинов М.М.
ҶМ